ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Ғафурзода Гулзода Маҳкам дар мавзуи «Хусусиятҳои адабӣ-бадеии ашъори бачагонаи Алӣ Бобоҷон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) пешниҳод гардидааст.

Адабиёти бачагона аз бахшҳои пурбори адабиёти муосир ба шумор меравад ва намояндагони зиёдро соҳиб мебошад. Алӣ Бобоҷон яке аз чеҳраҳои намоёни адабиёти бачагонаи тоҷик аст, ки бештари эҷодиёти худро ба ин бахши адабиёт равона сохта, ҳиссаи муносиби хешро дар рушду такомули он гузоштааст. Дар бораи рӯзгору осори ин адиби пуркор адабиётшиносон, чун С. Саидов, Н. Файзуллоев, А. Маниёзов, Абдушукури Абдусаттор ва дигарон андешаҳои судмандеро манзур карда, таъкид доштаанд, ки эҷодиёти адиб қобили таваҷҷуҳ ва ба таҳқиқоти густурда ниёзманд аст. Рӯйи кор омадани кори таҳқиқии Ғафурзода Гулзода Маҳкам таҳти унвони “Хусусиятҳои адабӣ-бадеии ашъори бачагонаи Алӣ Бобоҷон” ин ниёзмандии маънавро бароварда месозад ва роҳи бештари маърифату шинохти шахсияти Алӣ Бобоҷон ва эҷодиёти вайро боз мегардонад.

Ғафурзода Гулзода Маҳкам рӯзгору пайроҳаи эҷодӣ ва мероси адабии Алӣ Бобоҷонро мавриди таҳқиқи диссертатсионӣ қарор дода, зарурати таҳқиқи осори бачагонаи адибро асоснок кардааст. Воқеан, пажӯҳиши масоили марбут ба рӯзору осори Алӣ Бобоҷон, мансубияти жанрии осори бачагона, сабки баён ва хусусиятҳои сохторию бадеии ашъори бачагонаи шоир аз ҷумлаи мавзуъ ва масоили ба шакли комил ва таҳқиқи диссертатсионӣ матраҳнашудаанд, ки ваҷҳи интихоб ва зарурати таҳқиқи мавзуъро собит мекунанд.

Мутолиаи автореферати диссертатсия нишон медиҳад, ки таҳқиқот аз муқаддима, се боб, нуҳ фасл ва хулоса иборат аст. Диссертант муқаддимаи диссертатсияро тибқи талабот бо қисматҳои хосси худ шарҳ дода, пасон ба баррасии масъалаҳои асосии бобҳо мегузарад.

Боби аввал “Зиндагинома ва мероси адабии Алӣ Бобоҷон” ном дошта, дар фаслҳои дахлдори ин боб диссертант ҷараёни зиндагии адибро баркарор, мероси адабии ӯро даврабандӣ ва шарҳу тавзеҳ додааст (саҳ. 9-15). Барои ба натиҷаи дилхоҳ ноил шудан диссертант ҳадафмандона аз сарчашмаҳои илмӣ ва адабӣ суд ҷуста, муваффақ шудааст.

Боби дуюми диссертатсия зери унвони “Мавзуъ, жанр ва устухонбандии ашъори Алӣ Бобоҷон” мушаххас шудааст. Аз таҳқиқи масоили мазкур диссертант ба ин натиҷа расидааст, ки ашъори шоир аз нигоҳи мазмун ва жанр гуногун аст (саҳ.15-18), дар онҳо ғояҳои тарбивию маърифатӣ тарғиб шудаанд (саҳ.20).

Боби сеюм ба муйян кардани “Вижагиҳои сохторию бадеии ашъори бачагонаи Алӣ Бобоҷон” ихтисос ёфтааст. Дар ин боб диссертант масъалаҳои вазн, қофия, радиф, забон ва сабки ашъори шоирро бо далелҳои мушаххал ҳаллу фасл намудааст (саҳ. 20-26).

Андешаҳо фасеҳ, фаҳмо ва нишонрас буда, бо далелҳо натиҷагирӣ шудаанд. Муҳокимаронихо дар доираи талаботи адабиётшиносӣ сурат гирифтаанд. Диссертант натиҷаҳои аз таҳқиқ ба дастовардаашро дар 10 банд хулосабарорӣ кардааст. Дар анҷоми афтореферат аннотатсия ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда шудааст, ки моҳияти кори таҳқиқиро равшан нишон медиҳад ва ғановати онро фузун мегардонад.

Бо вуҷуди муваффақиятҳои чашмрас дар матни автореферати диссертатсия баъзе норасоиҳо ошкор гардиданд, ки зикри онҳо баҳри корҳои пасини диссертант аз аҳаммият холӣ нахоҳад буд:

1. Дар қисмати дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ масъалаҳои ҳалношудаи эҷодиёти Алӣ Бобоҷон баён гардида, дурнамои таҳиқи мавзуъ ва масоили марбут ба осори адиб мушаххас мегардид, ба кори таҳқиқӣ ҳусну аҳаммияти бешта мебахшид (с .5).

2. Дар автореферати диссертатсия мухтассоти қофия ва радиф бо мисолҳо таъин ва мушаххас мегардиданд, беҳтар буд (с. 21-22).

3. Дар саҳифаҳои гуногуни автореферати диссертатсия ғалатҳои техникӣ ва имлоӣ ба назар мерасанд. (с. 14, 19, 32, 41, 43).

Нуқсонҳои зикршуда бо ҷузъӣ будани худ арзиши кори таҳқиқиро кам намекунанд ва асосан хусусияти тавсиявӣ доранд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Ғафурзода Гулзода Маҳкам дар мавзуи «Хусусиятҳои адабӣ-бадеии ашъори бачагонаи Алӣ Бобоҷон» дар сатҳи зарурӣ таҳия ва пешниҳод гардида, диссертант барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) сазовор аст.

Тақриздиҳанда:
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи назария ва адабиёти навини
форсии тоҷикии факултети филологияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Бобомаллаев И.Ҷ.
«30» марти соли 2026.

Нишонӣ: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Маяковский, бинои 85/2, ҳуҷраи 10
Тел.: (+992) 555-05-15-50
E-mail: ilhom-b.89@mail.ru

Имзои Бобомаллаев Илҳомҷон
Ҷанобовичро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj
«30» марти соли 2026.